**аз 20.04.2016, №127**

«Оид ба системаи баҳодиҳии хафҳо»

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои таҳлилию ташкилии мақомоти андоз вобаста ба ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андоз, ҷалб намудани диққат ба фаъолияти хоҷагидории андозсупорандагоне, ки хавфи баланди эҳтимолияти қонунвайронкуниҳои андозро доранд, аз ҷумла ҳангоми банақшагирӣ ва интихоби андозсупорандагон (агентҳои андоз) барои гузаронидани санҷишҳои андоз, баланд бардоштани самаранокии корҳои назоратии мақомоти андоз, пурзӯр намудани назорат аз болои андозсупорандагони бемасъулият ва ҳавасмандгардонии андозсупорандагони бомасъулият, мутобиқи муқаррароти моддаҳои 43, 44 ва 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Номгӯи андозаҳои (критерияҳои) хавфҳо тибқи Замимаи №1 ба Фармоиши мазкур тасдиқ карда шаванд.

2. Дар доираи Барномаи иттилоотии андоз “Системаи идоракунии хавфҳо” аз рӯи эъломияҳои (ҳисоботи) андози пешниҳоднамудаи андозсупорандагон (агентҳои андоз), маълумоти аз мақоми дигари ваколатдор гирифташуда, инчунин дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи фаъолияти андозсупорандагон, баҳогузорӣ гардида, аз рӯи критерияҳои дар Замимаи №1 ба Фармоиши мазкур муқарраршуда, сатҳи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон муайян карда шавад.

3.Маълумотҳои коркардшуда бо мақсади ошкор ва пешгирӣ намудани хавфи вайронкунии қонугузории андоз, банақшагирии санҷишҳои андоз ва анҷом додани корҳои назоратӣ нисбати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияташон сатҳи хавфи қонунвайронкуниҳои андоз зиёдтар аст, инчунин барои муайян намудани номгӯи андозсупорандагони бемасъулият ва пурзӯр намудани назорат аз болои онҳо, ҳавасмандгардонии андозсупорандагони бомасъулият истифода бурда шавад.

4. Раёсати санҷиши андозҳо назорати андоз, аз ҷумла интихоби андозсупорандагон (агентҳои андоз) барои гузаронидани санҷишҳои андозро, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 6 моддаи 28 ва қисми 8 моддаи 29 Кодекси андоз муқарраршуда ва муроҷиати хаттии худи андозсупоранда оид ба гузаронидани санҷиши андоз, танҳо дар доираи Системаи идоракунии хавфҳо анҷом диҳад.

5. Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андоз, Раёсати баҳисобгирӣ ва коркарди эъломияҳо дар якҷояги бо КВД “Маркази барномасозӣ маъмурикунонии андоз” вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати мунтазам такмил додани Барномаи СИА “Системаи идоракунии хавфҳо” чораҷӯӣ намоянд.

6. Фармони Кумитаи андоз аз 23.01.2012, №12 “Оид ба системаи баҳисобгирии хавфҳо” аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини аввали Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. гузошта шавад.

Раис Н.Давлатзода

Замимаи № 1
ба Фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» апрели соли 2016, №127

## Номгӯй ва андозаҳои (критерияҳои) хавфҳо

| №р/т | **Номгӯи нишондодҳо барои муайян намудани хавфҳо** |
|---|---|
| 1 | Муқоисаи ҳадди миёнаи гаронии андозҳои ҳисобшудаи андозсупоранда нисбат ба даромади умумӣ аз таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасониҳо) |
| 2 | Муқоисаи ҳадди миёнаи гаронии андозҳои ҳисобшудаи андозсупоранда нисбат ба андозсупорандагони ҳамшабеҳи соҳаи фаъолият |
| 3 | Музди меҳнати миёна ба як корманд вобаста ба соҳаи фаъолият |
| 4 | Риояи мухлати пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз ва умуман пешниҳод накардани эъломияҳо ва ҳисоботҳои андоз |
| 5 | Ҳолати риояи иҷрои уҳдадориҳои андоз (бақияпулиҳои андоз) |
| 6 | Даврияти батаъхиргузории пардохти андозҳо |
| 7 | Таносуби ҳаҷми амалиётҳои содиротӣ (воридотӣ) бо андозаи изофапулии андоз аз арзиши иловашуда ва дар ҳисобварақаи андозсупоранда мунтазам мавҷуд будани изофапулии андоз аз арзиши иловашуда<br>Нишондоди пасти ҳисоби ААИ нисбат ба даромади умумӣ вобаста ба соҳаи фаъолият |
| 8 | Ҳолати риояи тартиби пешниҳоди ҳособнома – фактураи ААИ ба харидорони молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо), тибқи Барномаи СИА “ААИ ва пайгирии ҳисобнома – фактураи ААИ ва аксизҳо” |
| 9 | Нишондоди бо зарар ҷамъбаст намудани фаъолият |
| 10 | Риояи тартиби ҳисоб ва пардохти дивиденд |
| 11 | Иштироки саҳоммони (муассисони) корхона дар дигар ширктҳои бо ҳам алоқаманд |
| 12 | Санаи санҷиши ҳуҷҷатии андози қаблан гузаронидашуда |
| 13 | Натиҷаи санҷиши қаблӣ |